ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.KOA-032
назди МДТ «Донишгоҳи давлатии таълимии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино»

аз «28» июни соли 2025 ш. Душанбе

Суханронии Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзуи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ, тақризи муассисаи пешбар - МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суханронии муқарризони расмӣ - доктори илмҳои тиб, профессори кафедраи вогиршиносӣ ва беморихои сироятии факултети тиббии Донишгоҳи милии Тоҷикистон, дотсент - Одинаев Н.С., номзади илмҳои тиб, муовини директори муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгири ва мубориза бар зидди бемории ВНМО" - Солиев А.А., мукарризони ғайрирасми – д.и.т., дотсент Азимов Г.Ҷ., д.и.т. Каримов С.С. ва н.и.т., дотсент Мирзоев А.С. - ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсинӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Ғуломзода Бобоҷон Зариф дар мавзӯи «Баҳодиҳии муқоисавии паҳншавӣ ва хусусиятҳои минтақавии омилҳои хавфи инкишофи бемории сил дар манбаъҳои сирояти силии ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯйи ихтисоси 14.02.02 – Вогиршиносӣ ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро рурра тиҗикос иенамоянд;
3. Ба Ғуломзода Бобоҷон Зариф дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои тиббӣ ба Ғуломзода Бобоҷон Зариф аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарфдор – 15 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Карор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои тиб, профессор Раҳманов Э.Р.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои тиб Усмонӣ Г.М.

имзои/подпись Раҳмонов Э.Р.
Усмонӣ Г.М-ро
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
"28" июня 2025 с/г